# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии №___________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 01.03.2024, №33**

Барои сазовор донистани Кабиров Шарофудин Раҳмудинович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

Диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ санаи 26 декабри марти 2023 барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №46 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/ш.д. таъсис дода шудааст.

Кабиров Шарофудин Раҳмудинович, соли таваллудаш 21.11.1984, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳоло ба ҳайси омӯзгори кафедаи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кор мекунад.

Соли 2009 Донишкадаи андоз ва ҳуқуқро аз рӯйи ихтисоси андоз ва андозбандӣ хатм намудааст.

Аз соли 2010 то соли 2016 ҳамчун унвонҷӯй ба кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав вобаста шудааст.

Солҳои 2019-2020 дар вазифаи муовини декан оид ба тарбияи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият намудааст.

Аз моҳи октябри соли 2021 дар кафедаи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият менамояд.

Мавзуи диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», дар маҷлиси Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав суратмаҷлиси №3 аз 26.10.2015 сол тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич**–номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Ашуров Субҳонидин Бурхонович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи таҳсилоти касбӣ ва тайёр кардани кадрҳои коргарии Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**- Умарзода Навруз Нурулло** – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Сафаров А.Ҳ. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ баррасӣ ва муҳокима карда шуда (суратҷаласаи №7, аз 02.02.2024с.) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Қайд шуд, ки Кабиров Шарофудин Раҳмудинович довталаби дараҷаи илмӣ дар умум зиёда аз 20 интишори илмӣ дорад, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 13 адад мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсияи худ дар умум 13 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 11 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба чоп расонидааст:

**Феҳристи интишороти илмии довталаб доир ба мавзуи диссертатсия**

***Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда:***

[1-М]. Кабиров Ш.Р. Трудовая миграция как фактор экономического благосостояния [Матн] / Ш.Р. Кабиров // Вестник Таджикского национального университета.- Душанбе, 2018. -№9- С. 48-53. - ISSN 2413-5151

[2-М]. Кабиров Ш.Р. Мақсад ва хусусиятҳои иқтисодии интиқоли воситаҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ [Матн] / Ш.Р. Кабиров // Паёми ДДБ ба номи Н.Хусрав. - Бохтар, 2018. - №1/4 (57). - С.178-181.- ISSN 2309-6764

[3-М]. Кабиров Ш.Р. Таҳлили омории динамикаи шумораи аҳолӣ ва омилҳои рушди он [Матн] / Ш.Р. Кабиров // Иқтисодиёти Тоҷикистон. Маҷаллаи илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, №3, 2018. – С. 101- 107. ISSN 2310-3957

[4-М]. Кабиров Ш.Р. Муҳоҷирати глобалии ҷаҳонӣ ва истифодаи самараноки он дар давлатҳои қабул ва интиқолдиҳанда [Матн] / Ш.Р.Кабиров // Иқтисодиёти Тоҷикистон. Маҷаллаи илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, №4. 2018. – С. 141-148. ISSN 2310-3957.

[5-М]. Кабиров Ш.Р Сабабҳои иҷтимоию иқтисодии муҳоҷирати қувваи коргарӣ ва оқибатҳои он [Матн] / Ш.Р.Кабиров // Паёми ДДБ ба номи Н.Хусрав. - Бохтар, 2019.- №1/3 (65) – С.293-296. ISSN 2663-5534.

[6-М]. Кабиров Ш.Р. Ҷаҳонишавии муҳоҷирати байналхалқӣ ва андешаҳо оид ба танзими равандҳои муҳоҷират [Матн] / Ш,Р.Кабиров, Ш.Шамсуллозода // Паёми ДДБ ба номи Н.Хусрав. Қисми 2. - Бохтар, 2020.- №1/4 (80). - С.194-199. ISSN 2663-553.

[7-М]. Кабиров Ш.Р. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба идоракунии муҳоҷират дар бахши кишоварзии минтақа [Матн] / Ш.Р.Кабиров // Паёми ДДБ ба номи Н.Хусрав. - Бохтар, 2021. - №1/4 (68). - С.69-74. ISSN 2663-5534.

[8-М]. Кабиров Ш.Р. Омилҳои таъсиррасони муҳоҷирон дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон [Матн] / Ш.Р.Кабиров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. - №4/1 (38). - С.118-125. ISSN 2308-054X.

[9-М]. Кабиров Ш.Р. Тадбирҳои мамлакатҳои хориҷа доир ба ҳалли масъалаҳои норасоии қувваи корӣ дар соҳаи кишоварзӣ [Матн] / Ш.Р.Кабиров // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмии ДДМИТ. - Душанбе, 2021. - №4/1 (29). - С.225-231. ISSN 2308-054X.

[10-М]. Кабиров Ш.Р. Нақш ва таъсири муҳоҷират дар рушди истеҳсолоти кишоварзии вилояти Хатлон [Матн] / Ш.Р. Кабиров, А.А.Мирзоалиев // Паёми ДДБ ба номи Н.Хусрав. - Бохтар, 2022. - №1/4 (104). - С.156-160.ISSN 2663-5534.

[11-М]. Кабиров Ш.Р. Масоили муҳоҷирати меҳнатӣ ва рушди бозори меҳнат [Матн] / Ш.Р. Кабиров, А.А.Мирзоалиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - №4/2 (44). - С.110-114. ISSN 2308-054X.

**дар дигар нашрияҳо:**

[12-М]. Кабиров Ш.Р. Роҳҳои бартараф намудани мушкилотҳои муҳоҷирон дар соҳаи кишоварзии минтақа [Матн] / Ш.Р. Кабиров, А.А.Мирзоалиев // Конференсияи байналмиллалии илми-амалӣ дар мавзуи самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ 25- ноябри соли 2022 с.219-224. Душанбе. - 2022.

[13-М]. Кабиров Ш.Р. Сабаб ва хусусиятҳои асосии муҳоҷирати меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн] / Ш.Р. Кабиров /// Конференсияи байналмиллалии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон. - Кӯшониён, 2019 - №1/1 - С.225-231.ISSN 2308-054X.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Самандарзода И.Ҳ., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисод ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур,** бо чунин эрод пешниҳод шудааст: 1) Дар баробари бартариятҳо ва дастовардҳои назаррас дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ба монанди баъзе иборахо ва ҷумлаҳои таҳрирталаб ба назар мерасанд.

**2. Султонов З.С., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ваТоҷикистон** бо чунин эрод пешниҳод шудааст: 1) дар расми якуми автореферат (саҳ.10) хуб мешуд, ки муаллиф ақидаи худро боз ҳам васеътар шаҳр медод.

**3. Самизода Т., н.и.и, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,** бо чунин эрод пешниҳод шудааст: 1) Дар баробари бартариятҳо дар автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳо низ ҷой доранд. Масалан, муаллиф пениҳоди ҷолиберо оид ва бартараф намудани мушкилот дар самти ҳалли муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро манзур месохт, боз ҳам хубтару беҳтар мешуд.

**4. Одиназода Комрон, н.и.и, дотсенти, Кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии ДБССТ** бо чунин эрод пешниҳод шудааст: 1) Баъзе хулосаҳои муаллиф хислати умуминазариявӣ дошта, хуб мешуд он андешаҳо бо мисолҳо мушахас тасдиқ карда мешуданд; 2) Дар автореферати диссертатсия аз ҷониби муаллиф боби сеюм нисбатан маҳдуд шаҳр дода шудааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои равандҳои муҳоҷират ва таъсири он ба бозори меҳнат, хусусан, бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ мебошад. Мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи муаллифии*** коҳиш додани таъсири номатлуби равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ дар як минтақаи алоҳидаи аграрӣ-саноатӣ ***пешниҳод шудааст:*** а) бо роҳи омӯзиши амиқи асосҳои назариявии таҳқиқи бозори меҳнати минтақавӣ ва муҳоҷират; б) истифодаи методикаи илман асоснокшудаи таҳқиқи равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ; в) истифодаи таҷрибаи судманди мамлакатҳои

хориҷа; г) таҳқиқи ҳолати муосири муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақа ва таъсири он ба бахши кишварзии минтақа; д) бо роҳи таҳияи механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа.

- ***исбот шудааст***, ки бозори меҳнати соҳаи кишоварзии минтақа як системаи динамикӣ буда, маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро оид ба шароити киро, истифода ва мубодилаи қувваи корӣ барои воситаҳои зиндагӣ ва механизми худтаъминкунии он, аз ҷумла механизми тақозо ва арза, ки дар асоси он фаъолият мекунад, дар бар мегирад.

- ***ҷорӣ намудани*** таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Олмон, Фаронса, Россия барои ҷалби коргарони маҳаллӣ ба корҳои мавсимӣ, сохтани платформаи онлайн бо ҷой додани эълон дар он бораи ҷойҳои кори холӣ ва дигар маълумоти марбут ба корҳои саҳроӣ тавсия карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** дар таҳқиқот равишҳои мавҷуда оид ба таҳқиқи ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми муҳоҷирати меҳнати такмил дода шуда, низоми соҳаи кишоварзиро ҳамчун бахши муҳими соҳаи иҷтимоии иқтисоди миллӣ арзёбӣ гардида, вижагиҳо ва проблемаҳои ташаккул ва рушди низоми мазкур ошкор, илман асоснок ва пешниҳод карда шудаанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** усулҳои гуногуни абстраксияи илмӣ, оморӣ, методҳои экспертӣ, таҳлили омилӣ ва усули экстраполятсия, ки дар таҳқиқотҳои иқтисодӣ муҳим мебошад, самаранок истифода бурда шудаанд.

- ***баён шудани*** вижагиҳо, мушкилот ва қонуниятҳои умумии рушди низоми муҳоҷирати меҳнати соҳаи кишоварзӣ, **ошкор ва асоснок** карда шудани тамоюлҳои муосири рушди низоми мазкур дар заминаи тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт.

- ***ошкор гардидани*** омилҳои ба рушди низоми муҳоҷирати меҳнатӣ таъсиррасон бо истифода аз равишҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ ва пурсишномаҳои сиёсӣ, пешниҳод ва асоснок шудани зарурати такмили идоракунии низоми бозори меҳнат дар марҳалаи муосир.

- ***омӯхта шуданд:*** а) омилҳои муайяннамудаи унвонҷӯ ба монанди ҳодисаҳои фавқулода, музди меҳнати паст дар соҳаи кишоварзӣ, зиёдшавии аҳолӣ, бекорӣ, зиёдшавии шумораи корхонаҳои кишоварзии зарардида, аҳолии вилояти Хатлонро водор менамояд, ки роҳи муҳоҷиратро интихоб намоянд; б) муҳоҷирати меҳнатии аҳолии вилояти Хатлон хусусияти мавсимӣ дошта, авҷи тарки маҳал ба давраи баҳор-тобистон ва бозгашти муҳоҷирон ба давраи тирамоҳ-зимистон рост меояд; в) ҷараёни муҳоҷират бештар беихтиёрона сурат мегирад ва набудани раводид бо аксари мамлакатҳои ИДМ ба шаҳрвандони вилоят имкон медиҳад, ки дар қаламрави ин кишварҳо як муддати муайян барои ёфтани ҷойи кор озодона ҳаракат намоянд.

*- аз нав такмил дода шуд* усули кластерӣ ҳамчун шакли муосир ва бештар маъмулбудаи ташаккули квазитеративӣ ва ҳалли масъалаҳои мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ дар самти таъсири муҳоҷират ба рушди иқтисодиёти кишоварзӣ, ки мушкилоти амалии раванди муҳоҷиратро дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлонро ҳал мекунад.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** онҳоро ҳамчун асос барои ташаккули қарорҳои стратегӣ ва тактикии идоракунии рушди низоми бозори муҳоҷирати меҳнатӣ бо мақсади дастёбӣ ба ҳадафҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат истифода бурдан мумкин аст.

*-тавсияҳои методӣ ва амалии* таҳиякардаи муаллиф дар раванди таълимии «Бозори меҳнат», «Иқтисодиёт ва идороракунӣ», «Назарияи иқтисодӣ» «Менеҷмент» ҳамчунин, ҳангоми хондани маърӯзаҳо дар курси махсус дар ихтисосҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав истифода шудаанд (санади татбиқи натиҷаҳо аз 05.06.2023,суратмаҷлиси №17/123) барои истифода пешниҳодшуда, санад оид ба татбиқи **амалии онҳо мавҷуд аст**.

*- муайян карда шуд:* модели такмили низоми идоракунии таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳия ва самтҳои асосии рушди инфрасохтори инноватсионӣ ва роҳҳои такмили механизми идоракунии захиравии меҳнатии соҳаи кишоварзӣ асоснок карда шудааст;

*- офарида шуд:* алгоритми таҳия ва амалисозии модели барномавию мақсаднок, ки аз пайдарҳамии марҳилаҳо иборат аст ва зарурати татбиқи равишҳои барномавию мақсаднок ҳамчун усули муосири идоракунии низоми муҳоҷирати меҳнати дар соҳаи кишоварзӣ, ки ба ***низоми банақшагирӣ-барномасозӣ-буҷетгузорӣ*** асос меёбад, **исбот шудааст**.

*- муаррифӣ карда шуданд* самтҳои афзалиятноки идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии вилояти Хатлон: а) зиёд намудани муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла донишгоҳу донишкадаҳо ва коллеҷҳо бо мақсади тайёр намудани кадрҳои болаёқат дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон аз ҳисоби муҳоҷирон; б) таъсиси ҷойҳои корӣ; в) омӯзиши муҳоҷирон ба технологияиҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ намудани он дар соҳаи кишоварзии минтақа; г) сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо мақсади ташкили ҷойҳои корӣ ва кам намудани сафи муҳоҷиршавии аҳолӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- **назарияи** идоракунии равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ ба натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ мувофиқ буда, ҳамчун ҷузъи таркибии коркарди самтҳои ояндадори рушди иқтисодиёти минтақаҳои алоҳида ҳамчун уннсурҳои сохтории иқтисодиёти миллӣ ва сиёсати иқтисодии давлат дар сатҳи минтақа

пешниҳод шудааст, ки дар амалияи хоҷагидории бозории кишварҳои пешрафта исботи худро ёфтааст;

- **ғоя** ба хулосаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомада, аз ҷумла, баррасии низоми бозори меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчун бахши муҳими соҳаи иҷтимоии иқтисоди минтақа ва тадриҷан ба раванди ҷаҳонии истеҳсолот шомил шуда, ба ниҳоди калонмиқёс табдил ёфтани он, ки тавассути он таҳаввулоти бозории ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа сурат мегирад, асос ёфтааст.

- **истифодаи** механизми идоракунии рушди низоми муҳоҷират ва бозори минтақавии меҳнат, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст, ба мақсад мувофиқ буда, метавонад зимни ташаккул ва такмили маҷмуи чораҳо оид ба баланд бардоштани мутобиқатнокии механизми танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ мавриди истифода қарор дода шавад.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 93,47% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) дар муайян кардани ҳадаф, мавзуъ ва объекти таҳқиқот, маълум сохтани номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли онҳо, асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва методии таҳқиқот; 2) иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқот тавассути интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмӣ-назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин дар санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия; 3) иштироки шахсии унвонҷӯ дар ҷамъоварии маълумот, коркарди онҳо, тафсир, таҳлил ва банизомдарорӣ дар тамоми марҳилаҳои омӯзиш, таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи ин маводҳо, таҳқиқоти таҷрибаи кишварҳои пешқадами дунё ҷиҳати истифодаи амалии онҳо дар таҳкими механизми ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ зоҳир мегардад.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «таъсири равадҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои консептуалӣ ва ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 7; 15; 19; 22; ва 24-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 01.03.2024 қарори сазовор донистани Кабиров Шарофудин Раҳмудинович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 13 нафар, аз ҷумла, докторони илм 10 нафар, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар иштирок доштанд. Овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ овоз доданд: тарафдор - 13 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**01 марти соли 2024.**